**Тақриз**

**ба автореферати Махмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D0205011 – Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Дар бахши наҳви забони адабии ҳозираи тоҷик масъалаҳое низ мавҷуданд, ки мавриди пажӯҳиш нагирифтаанд ва ё кам таҳқиқ шудаанд. Воситаҳои алоқа дар ибора ва ҷумлаҳои мураккаби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз қабили ҳамин гуна масъалаҳо ба ҳисоб меравад. Дар асарҳои забоншиносони тоҷик оид ба ин масъала баъзе ишораҳо мавҷуд бошанд ҳам, вале хеле маҳдуданд, аз ин ҷиҳат моҳияти масъаларо пурра фаро намегиранд.

Аз солҳои панҷоҳуми қарни гузашта сар карда дар забонҳои миллӣ низ ба масъалаи таҳқиқу омӯзиши воситаҳои алоқаи наҳвӣ диққати ҷиддӣ додан гирифтанд ва дар натиҷа рисолаю мақолаҳои сершуморе навишта шудаанд. Ҳамин тариқ, иборашиносии забони миллӣ натиҷаҳои самарабахш додан гирифт. Аз он ҷумла дар забоншиносии эронӣ ин масъала эътибори калон пайдо намуд. Масалан дар забони форсӣ роҷеъ ба ибора баъзе асару мақолаҳо навишта шудаанд, аммо таҳқиқи масъалаи мазкур бар ҷнбаи муқоисавӣ аз назари забоншиносони тоҷикӣ хеле дурр мондааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 165 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва зарурияти таҳқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии пажӯҳиш, усулҳои таҳқиқот ва асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот пурра дарҷ ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия ба масъалаҳои назариявӣ бахшида шудаанд. Нахуст муаллифи диссертатсия моро бо ду воҳиди наҳвӣ- ибора ва ҷумла ошно намуда, таъкид бар он мекунад, илми наҳро бе ин ду воҳид набояд тасаввур кард. Сипас шарҳи мафҳуми «воситаҳои алоқа» аз диду назари олимону забоншиносони ватаниву хориҷӣ баён мегардада. Муаллиф ҳатто моро ба назару андешаҳои олимони асримиёнагии забони форси роҷеъ ба воситаҳои алоқа, ба мисли Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ошно месозад.

Муаллифи рисола моро бо чор навъи воситаи алоқа: алоқаи пайвасти пайиҳам, ҷудоӣ, хилофӣ ва бепайвандак дар боби дуюми диссертатсия, ки «Алоқаҳои пайваст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дорад, ошно месозад.

Ҳар як навъи алоқаи пайваст бо мисолҳои равшану возеҳ дар ин боб шарҳ дода мешаванд. Хусусиятҳои фарққунандаи ин навъи воситаҳои алоқа низ дар ин боб муайян гардидаанд.

Таҳлили муқоисавии корбурди воситаҳои алоқа: вобастагӣ, мувофиқат, изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ, ҳамроҳӣ, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ, пешояндии ҷуфт, пешояндию пасояндӣ, артиклӣ, интонатсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар боби сеюми диссертатсия «Алоқаи тобеъ дар забонҳои муқоисашаванда» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар камбудиву норасиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Агар муаллиф базе аз мисолҳои овардашударо ҳамчун замима ба диссертатсия илова менамуд, хеле хуб мешуд, чунки дар баъзе саҳифаҳои автореферат (саҳ. 16, 17, 18) миқдори мисолҳо хеле зиёданд.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (3, 5, 7, 9, 14) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чаш мерсанд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳоислоҳпазиранд ва ба асонӣ баратарф хоҳанд шуд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D0205011 – Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардида, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дониста шавад.

Номзади илмҳои филология,
дотсент, муовини раиси Кумитаи
забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Матробиён Саодатшо Қосимзода

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Беҳзод 25, тел.: ( +992) 93 508 7138;
e-mail: s.matrobov@mail.ru

Имзои Матробиён Саодатшоро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо Сангов Ғ.Х.

15. 01. 2020